**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 31 июли соли 2024 № 440

**ш. Душанбе**

Дар бораи масъалаҳои Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ

Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» ва моддаи 396 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Низомномаи Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Номгӯйи фаъолияти инноватсионию технологӣ тасдиқ карда шавад (замимаи 2).

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 31 июля 2024 года № 440

**г. Душанбе**

О вопросах Технологического парка программных продуктов и информационных технологий

В соответствии со статьей 4 Закона Республики Таджикистан «О Технологическом парке» и статьей 396 Налогового кодекса Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Положение о Технологическом парке программных продуктов и информационных технологий (приложение 1).

2. Утвердить Перечень инновационно-технологической деятельности (приложение 2).

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба карори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31» июли соли 2024,
№440

## Низомномаи
## Парки технологии маҳсулоти барномавӣ
## ва технологияҳои иттилоотӣ

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ (минбаъд – Низомнома) дар асоси муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

2. Низомномаи мазкур хусусиятҳои хосси зерини фаъолияти субъектҳои Парки технологии махсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ (минбаъд - Парк)-ро муқаррар менамояд:

- мақоми ҳуқуқии Парк;
- намудҳои фаъолияти Парк;
- тартиби ҳамкории Парк бо субъектҳои Парк;
- тартиби гирифтани мақоми субъекти Парк;
- муносибатҳои субъектҳои Парк бо ҳамдигар ва бо дигар иштирокдорони соҳаи илм ва технологияҳои инноватсионӣ, аз он ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ;
- амалӣ намудани фаъолият аз ҷониби субъектҳои Парк;
- номгӯйи кафолатҳо ва истисноҳое, ки ба субъектҳои Парк татбиқ карда мешаванд;
- тартиби татбиқ намудани кафолатҳое, ки ба субъектҳои Парк пешниҳод карда шудаанд;
- масъалаҳои дигаре, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъсис додани Парк ва ҷалби субъектҳо зарур мебошанд.

3. Низомномаи мазкур барои Парк ва тамоми субъектҳое, ки дар ҳудуди Парк фаъолият менамоянд, ҳатмӣ мебошад.

### 2. МАФҲУМҲОИ ДАР НИЗОМНОМА ИСТИФОДАШАВАНДА

4. Дар Низомнома мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- ҳудуди Парк – қитъаи замини мушаххас, ки тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Парк ҷудо ё барои истифода пешниҳод карда шудааст ва (ё) молу мулки ғайриманқул (бино, иншоот), ки Парк онҳоро дар асосҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда истифода мебарад;
- субъекти Парк - шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки бо тартиби муқарраршуда ба феҳристи субъектҳои Парк дохил карда шудааст ва дар ҳудуди Парк фаъолияти инноватсионӣ-технологиро дар самти технологияи маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба амал мебарорад;
- феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) - пайдарпайии блокҳо бо маълумот оид ба амалиёте, ки дар низоми иттилоотии ғайримарказии тақсимшуда бо истифода аз усулҳои криптографии ҳифзи иттилоот дар асоси алгоритмҳои ба низоми мазкур воридшуда сохта шудаанд;
- тамғаи рақамӣ (токен) - сабт дар феҳристи блокҳои муомилот ва ё низоми дигари иттилоотии тақсимшуда, ки барои тасдиқи ҳуқуқи соҳибии тамғаи рақамӣ (токен) ба объектҳои ҳуқуқи мадании ва (ё) ҳамчун дороии рақамӣ истифода мешавад;
- дороиҳои рақамӣ – ифодаи рақамии молу мулке, ки муомилоти онҳо дар технологияи низоми иттилоотии муайянгаштаи ғайримарказии тақсимшуда ва ё дар технологияҳои ҳаммонанд тибқи қоидаҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ амалӣ карда мешаванд;
- провайдерҳои хизматрасонӣ дар соҳаи муомилоти дороиҳои рақамӣ (минбаъд - провайдерҳои хизматрасонӣ) - шахси ҳуқуқӣ - резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хизматрасониҳои дахлдорро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз номи онҳо барои харидорӣ, фурӯш, мубодила, нигоҳдорӣ, барориш, ҷойгиркунӣ ва идоракунии дороиҳои рақамиро тибқи номгӯйи намудҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ амалӣ менамоянд;
- мақоми ваколатдори давлатӣ – Агентии инноватсия ва технологияи рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шартномаи ҳушманд (смарт шартнома) - аҳде, ки тавассути алгоритми компютерӣ (протокол) барои худкоргардонии иҷрои шартҳо ва созишҳои аз ҷониби тарафҳо муайянкарда пешбинӣ шудааст.

### 3. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ПАРК

5. Парк ҳамчун яке аз шаклҳои паркҳои технологӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» таъсис дода мешавад.

6. Парк дорои ҳудуди муайяни аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ муқарраргашта, инчунин маҷмуи объектҳои инфрасохтори гуногун мебошад, ки ҷиҳати рушди технологияҳои иттилоотӣ, мусоидат ба ташаккули низоми иқтисоди

рақамӣ ва ҷалби шарикони рушд равона карда шуда, дар он субъектҳо фаъолияти худро тибқи шартномаи бо Парк басташуда амалӣ менамоянд.

7. Парк дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва фаъолияти худро қатъ менамояд.

8. Асосҳо барои қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қатъ намудани фаъолияти Парк инҳоянд:

- ноил шудан ба натиҷаҳое, ки бо мақсади онҳо Парк таъсис дода шуда буд;
- аз байн рафтани моҳияти иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоии Парк;
- мавҷуд набудани раванди ташаккулёбии субъектҳои Парк;
- асосҳои дигаре, ки зарурати фаъолияти минбаъдаи Паркро истисно менамоянд.

9. Пешниҳоди қатъи фаъолияти Парк аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ бо замимаи хулосаи асоснок ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули қарори дахлдор манзур карда мешавад.

## 4. ИДОРАКУНИИ ПАРК

10. Парк амалҳои зеринро иҷро менамояд:

- фаъолияти субъектҳои Паркро ҳамоҳанг месозад;
- ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкеро, ки ба Парк барои ноил шудан ба ҳадафҳои он пешниҳод шудааст, амалӣ менамояд;
- ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки чун ҳудуди Парк баромад менамояд, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои дигари Паркро амалӣ менамояд.

11. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти самараноки Парк мусоидат менамояд.

12. Мақоми ваколатдори давлатӣ идоракунӣ, пешбурд ва ҳамоҳангсозии фаъолияти Паркро ба роҳ мемонад.

13. Парк фаъолияти худро дар асоси Оинnома амалӣ менамояд.

14. Дар ҳолатҳои зарурӣ, бо мақсади ҷалби сармоягузории иловагӣ ба фаъолияти Парк, бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои шакли ташкилию ҳуқуқии Парк, шумораи иштирокдорон (муассисон)-и Парк зиёд мегарданд.

15. Роҳбарии фаъолияти Парк аз ҷониби мақомоти идоракунӣ, ки вобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии Парк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Парк ташкил карда мешаванд, амалӣ карда мешавад.

16. Ваколати мақомоти идоракунии Парк, аз ҷумла ваколати истисноии онҳо, шакли фаъолият ва тартиби қабули қарор дар Оинномаи Парк дарҷ карда мешаванд.

17. Парк дар асоси шартномаи бо субъектони Парк басташуда, фаъолияти субъектони Паркро ҳамоҳанг сохта, барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки субъектҳои Парк дар назди худ гузоштаанд, кумак мерасонад.



18. Парк ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои таъсиси Парк, ҳуқуқи амалӣ намудани тамоми намуди фаъолиятеро, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудаанд, дорад.

## 5. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ПАРК

19. Самтҳои асосии фаъолияти Парк инҳо мебошанд:

- дастгирии ҳаматарафаи субъектҳои Парк дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти онҳо;
- пешниҳоди хизматрасониҳо ва иҷрои корҳои гуногун ба субъектҳои Парк;
- амалӣ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки ба сифати ҳудуди Парк баромад менамояд;
- бастани шартнома бо субъектҳои Парк баҳри амалӣ намудани фаъолият дар ҳудуди Парк;
- муаррифии манфиатҳои субъектҳои Парк дар ҳолати гузаронидани санҷишҳо ва намудҳои дигари назорат аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ;
- дар ҳолати пешниҳоди ваколатнома аз ҷониби субъектҳои Парк, намояндагӣ намудани манфиатҳои онҳо дар муносибат бо шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ;
- ҳимоя намудани ҳуқуқҳои субъектҳои Парк дар доираи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои Парк дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти онҳо;
- мусоидат дар баррасии баҳсҳо байни субъектҳои Парк;
- мусоидат ба субъектҳои Парк дар самти ҷалби сармоягузории иловагӣ;
- амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дигар, ки бо Низомномаи мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд.

## 6. МОЛУ МУЛКИ ПАРК

20. Парк чун шахси ҳуқуқӣ дорои молу мулки муайян мебошад, ки барои амалӣ намудани фаъолияти он ва ноил шудан ба ҳадафҳои дар пеш гузошташудаи Парк зарур мебошанд.

21. Вобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, Парк ба молу мулки худ ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ва ё ҳуқуқи моликиятро соҳиб мегардад.

## 7. НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ПАРК

22. Дар Парк субъектҳои он метавонанд бо фаъолиятҳои инноватсионию технологие, ки номгӯйи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, машғул шаванд.

23. Дар Парк амалӣ намудани фаъолияти зерин иҷозат дода намешавад:

- фаъолияте, ки хилофи ҳадафҳои таъсис додани Парк мебошад;
- фаъолияте, ки амалӣ намудани он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

24. Субъектҳои Парк дар фаъолияти худ талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти муқаррароти Низомномаи мазкур риоя менамоянд.

## 8. СУБЪЕКТҲОИ ПАРК

25. Субъектҳои Парк шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие мебошанд, ки дар асоси шартномаи бо Парк басташуда бо фаъолияти дар ҳудуди Парк иҷозатдодашуда машғул мешаванд.

26. Субъектҳои Парк дар фаъолияти худ муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, Оинномаи Парк ва шартномаи бо Парк басташударо ба роҳбарӣ мегиранд.

27. Субъектҳои Парк метавонанд фаъолияти дар Парк иҷозатдодашударо амалӣ карда, дар баробари ин фаъолияти худро берун аз ҳудуди Парк роҳандозӣ намоянд. Дар ин ҳолат, кафолатҳои бо Низомномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигашта танҳо нисбат ба фаъолияти субъектҳои Парк, ки дар ҳудуди Парк амалӣ карда мешаванд, татбиқ мегарданд.

28. Муассисони субъектҳои Парк шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ – ҳам резидентҳо ва ҳам ғайрирезидентҳо шуда метавонанд.

29. Шакли шартномаи байни Парк ва субъекти Парк басташаванда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Шартномаи мазкур метавонад барои фаъолият дар Парк пардохти маблағи муайяни даврӣ, ки аз 1 дарсад аз ҳаҷми умумии даромади давраи муайяни субъекти Парк зиёд набошад, пешбинӣ кунад.

30. Барои фаъолият дар ҳудуди Парк ва бастани шартнома бо Парк субъектҳо ҳуҷҷатҳои зеринро ба Парк пешниҳод менамоянд:

- ариза ба номи Парк;
- нусхаи иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;
- ҳуҷҷат аз мақомоти андоз оид ба қарздор набудан аз андозҳо;
- бизнес-нақша бо дарҷи фаъолияти мушаххас, ки субъекти дахлдор мақсади амалӣ намудани онро дар ҳудуди Парк дорад;
- натиҷаҳои пешакии банақшагирифта.

31. Шакли ариза барои дарёфти мақоми субъекти Парк аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

32. Дар бизнес-нақша маълумоти зерин бояд дарҷ карда шаванд:

- самтҳои асосии фаъолияти субъект дар Парк;



- нақшаи амалинамоии фаъолияти субъект, ба истисноии иттилооте, ки хусусияти махфӣ дорад;
- ҳадафҳои асосие, ки субъект ҳангоми фаъолият мақсади ба онҳо ноил гаштанро дорад;
- сарчашмаи молиявӣ ва пулии амалинамоии фаъолияти субъект;
- зарурати иқтисодӣ ва иҷтимоии амалӣ намудани фаъолияти субъект;
- алоқамандии намуди фаъолияти субъект бо фаъолияте, ки дар ҳудуди Парк тибқи Низомномаи мазкур иҷозат дода шудааст.

33. Ҳуҷҷатҳои дар банди 30 Низомномаи мазкур дарҷгардида бо забони давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо бо забонҳои дигар, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда бо тартиби муқarrargashta бояд ба забони давлатӣ тарҷума ва тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шаванд.

34. Пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои дигари зарурӣ барои гирифтани мақоми субъекти Парк дар шакли пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба суроғаи Парк ё дар шакли электронӣ бо роҳи ирсол намудани онҳо ба почтаи электронии Парк, ки дар сомонаи Парк дарҷ карда мешавад, амалӣ карда мешавад.

35. Баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби Парк то 5 (панҷ) рӯзи корӣ амалӣ карда мешавад.

36. Дар ҳолати нопурра будани ҳуҷҷатҳо ва ё ба миён омадани зарурати гирифтани маълумоти иловагӣ, Парк метавонад аз субъект пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти иловагиро талаб намояд. Дар ин ҳолат, муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳо то 3 (се) рӯзи кории дигар тамдид карда мешавад.

37. Дар ҳолатҳои зарур будани муҳлати муайян барои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои иловагӣ ва ё дарёфти маълумоти иловагӣ ба субъект, ки он аз муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои дар Низомномаи мазкур дарҷгардида зиёд мебошад, Парк метавонад қарор оид ба боздоштани муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо қабул намояд, ки он аз 3 (се) рӯзи корӣ зиёд буда наметавонад.

38. Бо мақсади таҳлили бизнес-нақшаҳои аризадиҳандагоне, ки барои гирифтани мақоми субъекти Парк муроҷиат мекунанд, дар назди Парк аз ҷумлаи мутахассисони дахлдори вазорату идораҳо, муассисаҳои илмӣ ва мутахассисони дигари шурои машваратии Парк таъсис дода мешавад.

39. Тартиби кори шурои машваратии Парк аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

40. Парк баъди баррасӣ намудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, яке аз қарорҳои зеринро бо дарназардошти хулосаи шурои машваратии Парк қабул менамояд:

- қарор дар бораи пешниҳоди мақоми субъекти Парк;

- қарор дар бораи рад намудани пешниҳоди мақоми субъекти Парк.

41. Дар ҳолати қабул шудани қарор дар бораи рад намудани пешниҳоди мақоми субъекти Парк асосҳои қабули чунин қарор дарҷ карда мешаванд.

42. Асосҳо барои қабул намудани қарор дар бораи рад намудани пешниҳоди мақоми субъекти Парк инҳо шуда метавонанд:

- ба талаботи Низомномаи мазкур ҷавобгӯй набудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда;

- мутобиқ набудани намуди фаъолияти пешниҳодшуда ба намуди фаъолияте, ки дар ҳудуди Парк бояд амалӣ карда шаванд;

- гузаштани муҳлат барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти иловагӣ;

- дар ҷараёни азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ё муфлисшавӣ қарор доштани аризадиҳанда.

43. Бо асосҳои дигар, ба истиснои асосҳои дар банди 42 Низомномаи мазкур дарҷгардида, Парк ҳуқуқ надорад қарор оид ба рад намудани пешниҳоди мақоми субъектро қабул намояд.

44. Қабули қарор оид ба рад намудани пешниҳоди мақоми субъекти Парк пешниҳоди такрории ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани мақоми субъекти Парк истисно наменамояд, ба шарте агар асосҳо барои қабул намудани қарор дар бораи рад намудани пешниҳоди мақоми субъекти Парк бартараф шуда бошад.

45. Дар асоси қарор оид ба пешниҳод намудани мақоми субъекти Парк, субъект ба феҳристи субъектҳои Парк, ки аз ҷониби Парк пеш бурда мешавад, ворид карда мешавад ва ба субъект иқтибос аз феҳристи мазкур дода мешавад.

46. Шакли иқтибос аз феҳристи субъектҳои Парк аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

47. Ворид намудани субъект ба феҳристи субъектҳои Парк асос барои татбиқи имтиёзҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати субъектҳои Парк пешбинӣ шудаанд, инчунин асос барои амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва кафолатҳое, ки дар Низомномаи мазкур нисбат ба субъектони Парк пешбинӣ шудаанд, мегардад.

48. Мақоми субъекти Парк ба муҳлати номуайян ба даст оварда мешавад, агар дар Низомномаи мазкур ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

49. Ҳангоми қабули қарор дар бораи азнавташкилдиҳӣ ва барҳамхӯрии субъекти Парк, дар ҷараёни муфлисшавӣ қарор доштани субъекти Парк, инчунин аз андоз қарздор шудани субъекти Парк, субъекти Парк уҳдадор аст оид ба ин ҳолат Паркро ба таври хаттӣ дар муҳлати то 3 (се) рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба миён омадани ҳолати мазкур бо замимаи нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (дар ҳолати мавҷуд будани онҳо) хабардор намояд.



50. Парк ҳангоми гирифтани иттилооти дар банди 49 Низомномаи мазкур дарҷгардида масъалаи боқӣ мондани мақоми субъекти Паркро нисбат ба субъекти мазкур баррасӣ менамояд.

51. Дар ҳолати қабули қарор дар бораи барҳам додан ё муфлис эълон шудани субъекти Парк, Парк қарор дар бораи қатъ намудани мақоми субъекти Паркро дар муҳлати то 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди нусхаи чунин қарор аз ҷониби субъекти Парк қабул менамояд.

52. Субъектҳои Парк оид ба фаъолияте, ки берун аз ҳудуди Парк амалӣ менамоянд, мустақилона масъулият доранд.

53. Субъектҳои Парк ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти худ дар ҳудуди Парк дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошанд:

- муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

- бо Парк ва субъектҳои дигари Парк ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монанд;

- ба кормандони масъули Парк дар ҷараёни амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо мусоидат намоянд;

- дар ҳолати ба миён омадани баҳсҳо онҳоро ба роҳи гуфтушунид ҳал намоянд;

- ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд;

- якҷоя бо субъектҳои дигари Парк ва Парк фаъолияти соҳибкориро амалӣ намоянд;

- мол истеҳсол намоянд, хизматрасониҳоро пешниҳод намоянд ва корҳоро иҷро намоянд;

- суратҳисобҳои бонкиро дар бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ кушоянд ва маблағҳои дар онҳо мавҷударо тибқи қоидаҳои Низомномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдорӣ намоянд;

- аҳдҳои иқтисодии хориҷиро банданд;

- нархи мол, кор ва хизматрасонии худро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона муқаррар намоянд;

- дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дигари дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур дарҷшуда бошанд.

54. Парк аз рӯйи уҳдадориҳои субъектҳои Парк ва субъектҳои Парк аз рӯйи уҳдадориҳои Парк ҷавобгар намебошанд.

55. Ҳолатҳои ҷавобгарии якҷоя ва иловагии Парк ва субъектҳои Парк аз рӯйи уҳдадориҳои ҳамдигар метавонанд дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар шартномаҳои байни Парк ва субъектони Парк басташаванда пешбинӣ гарданд.

## 9. ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

56. Мақоми ваколатдори давлатӣ ҷиҳати рушди инфрасохтори Парк ва васеъ намудани фаъолияти минбаъдаи он, метавонад дар асоси шаклҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ шарикро ҷалб карда, амалинамоии идоракунии оперативии Паркро ба он вогузор намояд.

57. Ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ байни мақоми ваколатдори давлатӣ ва шарик дар асоси созишномаи байни онҳо баимзорасонида амалӣ карда мешавад.

58. Шарик ба баррасии шуро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ лоиҳаи созишномаи ҳамкориро тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

59. Дар созишномаи ҳамкорӣ бояд ҳадафҳо ва шартҳои асосии ҳамкорию хизматрасониҳое, ки аз ҷониби шарик пешниҳод карда мешаванд ва шартҳои дигари асосии созишномаи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дарҷ карда шаванд.

## 10. ХУСУСИЯТҲОИ БАТАНЗИМДАРОРИИ МУНОСИБАТҲО ВОБАСТА БА ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯИ БЛОКҲОИ МУОМИЛОТ (БЛОКЧЕЙН) ВА ДОРОИҲОИ РАҚАМӢ

60. Дар Парк шароитҳо барои ҷорӣ намудани технологияи феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) ва низоми дигаре, ки ба принсипҳои тақсимшуда, ғайримарказонидашуда ва бехатарии амалиётҳои бо истифодаи онҳо анҷомдодашаванда асос ёфтаанд, ба истисноӣ фаъолияти вобаста ба истихроҷ (майнинг)-и дороиҳои рақамӣ фароҳам оварда мешаванд.

61. Дар ҳудуди Парк провайдерҳои хизматрасониҳо таъсис дода мешаванд.

62. Провайдерҳои хизматрасонӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар шакли ташкилоти тиҷоратӣ бо мақоми субъекти Парк таъсис дода мешаванд.

63. Провайдерҳои хизматрасонӣ дар фаъолияти худ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдори давлатӣ, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои таъсисии он, ки тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд, ба роҳбарӣ мегирад.

64. Провайдерҳои хизматрасонӣ уҳдадоранд дар фаъолияти худ талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба



қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро риоя намоянд ва барои амалисозии самараноки талаботи қонунгузории ин самт барномаҳо (қоидаҳо)-и назорати дохилиеро таҳия ва татбиқ намоянд, ки бояд инҳоро дар бар гиранд:

- расмиёт ва қоидаҳои дохилии гузаронидани санҷишҳои дахлдори шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (резидент ва ғайрирезидент)-ро, ки тавассути провайдерҳои хизматрасонӣ бо дороиҳои рақамии худ амалиёт анҷом медиҳанд, инчунин нигоҳдории маълумоте, ки дар натиҷаи чунин санҷишҳо ба даст омадаанд, ба мӯҳлати на кам аз 5 сол баъд аз анҷом ёфтани муносибатҳои корӣ бо чунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, баста шудани суратҳисоб ё анҷом додани аҳди якдафъаина;
- тартиб ва дастур оид ба назорати амалиёту аҳд ва ошкор кардани амалиёту аҳдҳои шубҳанок;
- расмиёти интихоб ва санҷиш ҳангоми киро кардани кормандон;
- талабот ба омодасозӣ ва таълими кормандон, барномаи таълимии кормандон;
- на камтар аз як маротиба дар ду сол ба роҳ мондани корҳо оид ба омодасозӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;
- расмиёти баргузории аудити дохилӣ ё берунаи мустақил ҷиҳати санҷиши низоми чораҳои назорати дохилӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар субъекти ҳисоботдиҳанда;
- талабот нисбат ба шахси масъул (мутахассиси комплаенс (мувофиқа) ва шахсони ӯро ивазкунанда, ки барои риояи қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом масъул мебошанд;
- амалӣ намудани чораҳо доир ба таъмини иҷрои дахлдори уҳдадориҳо оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахсоне, ки ба рӯйхати таҳримҳо дохил карда шудаанд.

65. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҳуқуқӣ (резидент ва ғайрирезидент) ҳуқуқ доранд, ки дороиҳои рақамиро соҳиб шаванд ва бо

дарназардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур амалиёти зеринро анҷом диҳанд:

- тавассути провайдерҳои хизматрасонӣ - субъекти Парк, ки намуди дахлдори фаъолиятро анҷом медиҳад, дороиҳои рақамии худро таъсис дода, онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷа ҷойгир кунанд;
- дороиҳои рақамиро дар ҳамёнҳои виртуалӣ нигоҳ дорад;
- тавассути провайдерҳои хизматрасонӣ, ки намуди дахлдори фаъолиятро анҷом медиҳанд, дороиҳои рақамиро ба даст оранд, бегона кунанд ва бо онҳо амалиёт (аҳд)-и дигарро бо дарназардошти муқаррароти Низомномаи мазкур анҷом диҳанд.

66. Шахсони ҳуқуқие, ки субъектҳои Парк мебошанд, ҳуқуқ доранд ваколатҳои дар банди 65 зикргардида, инчунин фаъолияти дигарро вобаста ба дороиҳои рақамӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом диҳанд.

67. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони воқеӣ (резидент ва ғайрирезидент), ки дороиҳои рақамиро соҳиб мешаванд, бо дарназардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур амалиёти вобаста ба дар ҳамёнҳои виртуалӣ нигоҳ доштани дороиҳои рақамӣ, мубодила намудани дороиҳои рақамӣ ба дигар дороиҳои рақамӣ, хариди онҳо, бегона кардани онҳо ба сомонӣ, бо шахси воқеии ғайрирезидент бо асъори хориҷӣ, пулҳои электронӣ, инчунин ҳадя ва васият кардани дороиҳои рақамӣ анҷом медиҳанд.

68. Фаъолият вобаста ба даст овардан ва бегона кардани дороиҳои рақамӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ мустақилона бидуни ҷалби шахсони дигар тибқи шартномаҳои меҳнатӣ ва (ё) ҳуқуқи маданӣ анҷом дода мешаванд, фаъолияти соҳибкорӣ намебошанд. Субъекти Парк уҳдадор аст, ки аз ин шахсони воқеӣ андоз аз даромади шахсони воқеиро дар манбаи пардохт нигоҳ дорад.

69. Соҳибкорони инфиродӣ – субъектҳои Парк, аз ҷумла ҳуқуқ доранд:

- амалиётҳои дар банди 67 муқарраргардидаро амалӣ намоянд;
- тавассути провайдерҳои хизматрасонӣ - субъекти Парк, ки намуди дахлдори фаъолиятро анҷом медиҳад, дороиҳои рақамии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он таъсис ва ҷойгир кунанд;
- фаъолияти дигарро вобаста ба дороиҳои рақамӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур амалӣ намоянд.

70. Провайдерҳои хизматрасонӣ ҳуқуқ доранд:

- дар бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷи кишвар барои ҳисоббаробаркунии хариду фурӯш ва амалиётҳои анҷомдодаашон суратҳисобҳо кушоянд;



- барои хизматрасониҳо, аз ҷумла барои хизматрасониҳо бо дороиҳои рақамӣ подош гиранд ва андозаю тартиби ситонидани онро аз иштирокдорони савдо (мизоҷон) муқаррар намоянд;
- бо резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиётҳоеро анҷом диҳанд (ташкил кунанд), ки барои ҷойгиркунии дороиҳои рақамӣ, аз ҷумла дар хориҷа, харидан ва (ё) бегона кардани онҳо ба сомонӣ, асъори хориҷӣ, пули электронӣ, мубодила кардани дороиҳои рақамӣ ба дигар дороиҳои рақамӣ ба манфиати худ ё мизоҷон равона шудааст;
- амалиётҳои дигарро бо дороиҳои рақамӣ, ба истиснои амалиёти мубодила кардани дороиҳои рақамӣ ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ (ба истиснои сомонӣ, асъори хориҷӣ, пули электронӣ ва дороиҳои рақамӣ) анҷом диҳад (ташкил кунад).

71. Барои ба шахси дигар додани ҳуқуқҳое, ки бо дороиҳои рақамӣ тасдиқ карда шудаанд, ба ин шахс интиқоли дороии рақамӣ кифоя аст, ба истиснои интиқоли ҳуқуқҳое, ки бақайдгирии давлатиро талаб мекунанд.

72. Интиқоли дороии рақамӣ дар лаҳзаи дар реестри блокҳои муомилот (блокчейн) ё низоми дигари иттилоотии паҳншуда мутобиқи қоидаҳо (протоколҳо)-и амалкунанда инъикос гаштани амалиёти тасдиқшудаи интиқоли дороии рақамӣ ба қабулкунанда анҷомшуда ҳисобида мешавад.

73. Иҷозат дода мешавад, ки дороиҳои рақамии баробарарзиш ҳамчун подошпулӣ барои тасдиқнамоӣ, иҷрои амалиёти дигар дар реестри блокҳои муомилот (блокчейн) ва низоми дигари иттилоотии паҳншуда истифода баранд.

74. Дар Парк амалӣ намудани лоиҳаҳое, ки истифодаи дороиҳои рақамиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати воситаи пардохт ва ё қабули пардохт пешбинӣ менамоянд, манъ мебошанд.

75. Провайдерҳои хизматрасониҳо дар фаъолияти худ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҳамкорӣ менамоянд.

76. Талабот барои гирифтани мақоми провайдерҳои хизматрасонӣ, тартиби гузаронидани савдо дар платформаҳои муомилоти дороиҳои рақамӣ, қоидаҳои бароришу, бақайдгирии бароришу муомилоти дороиҳои рақамӣ ва муносибатҳои дигар вобаста ба дороиҳои рақамӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

## 11. КАФОЛАТУ ИМТИЁЗҲО ВА ИСТИСНОҲОЕ, КИ ДАР ПАРК ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД

77. Дар Парк кафолату имтиёзҳое пешниҳод карда мешаванд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъсиси Парк ва фаъолияти субъектҳои Парк равона карда мешаванд.

78. Истисноҳо, яъне татбиқ нагардидани муқаррарот ва ё меъёрҳои алоҳидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба субъектҳои Парк ва фаъолияти он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, аз ҷумла дар шакли кафолатҳо, ҳуқуқҳо ва имкониятҳои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас ё худдорӣ намудан аз содир намудани фаъолияти мушаххас равона карда шудаанд, пешниҳод карда мешаванд.

79. Ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаи мушаххас аз ҷониби субъекти Парк, ки истеҳсоли мол, иҷрои кор ва пешниҳоди хизматрасониро пешбинӣ менамояд, кафолату имтиёзҳои дар Низомномаи мазкур дарҷгардида ҳангоми аз ҷониби субъекти Парк фурӯши моли истеҳсолгардида, натиҷаи кор ва хизматрасонӣ бояд берун аз ҳудуди Парк низ татбиқ карда шаванд.

80. Ҳангоми муқаррар намудани маблағи иҷора нисбати объектҳои ғайриманқул, аз ҷумла бо мақсадҳои андозбандӣ, нархҳое, ки дар шартномаҳои иҷора ва шартномаҳои дигари дахлдоре, ки бо субъектҳои Парк баста мешаванд, ба назар гирифта мешаванд.

81. Муносибатҳои асъорӣ бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ба истиснои бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарзии молиявӣ), ки резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ҳангоми аз ҷониби онҳо вобаста ба дороиҳои рақамӣ анҷом додани намудҳои иҷозатдодаи амалиёти дар бандҳои 65 ва 67 Низомномаи мазкур пешбинишуда ва инчунин субъектҳои Парк ҳангоми аз ҷониби онҳо анҷом додани амалиёт вобаста ба дороиҳои рақамӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар доираи муқаррароти банди 97 Низомномаи мазкур қабулшаванда метавонанд ба танзим дароварда шаванд.

82. Фаъолияти вобаста ба коғазҳои қиматнок, талаботи иҷозатномадиҳӣ оид ба фаъолияти касбӣ ва биржавӣ бо коғазҳои қиматнок нисбат ба муносибатҳо (фаъолият, амалиёт)-и субъектҳои Парк вобаста ба дороиҳои рақамӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳаммонанд метавонанд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад.

83. Барои мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибӣ:

- дороиҳои рақамии тибқи Низомномаи мазкур баровардашуда ва бадастовардашуда ҳамчун дороиҳо эътироф карда мешаванд;

- аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ҷойгир кардани дороиҳои рақамии баровардашуда боиси ба миён омадани ӯҳдадорӣ дар назди соҳибони ин дороиҳо мегардад;

- провайдерҳои хизматрасонӣ ва ташкилотҳои дигаре, ки вобаста ба дороиҳои рақамӣ фаъолият мекунанд, амалиёти анҷомдодаашонро дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос мекунанд, инчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молия ҳисоботи муҳосибӣ ва (ё) молиявиро тартиб медиҳанд.



84. Гирифтани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолият оид ба ҳифзи иттилооти техникӣ ва (ё) криптографӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари иҷозатдиҳие, ки ба ҳифзи иттилоот, тасдиқи мутобиқат, гузаштан аз экспертизаи давлатии воситаҳои ҳифзи иттилооти техникӣ ва криптографӣ алоқаманданд, аз шахсони зерин талаб карда намешавад:

- субъектҳои Парк ҳангоми амалӣ намудани фаъолият мутобиқи Низомномаи мазкур, ки ба таҳия ва (ё) татбиқи технологияи феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) ва ё технологияи ҳаммонанд алоқаманд аст;

- шахсони воқеӣ - ҳангоми иҷрои корҳои нигоҳдорӣ, ба даст овардан, бегона кардани дороиҳои рақамӣ;

- шахсони ҳуқуқӣ - ҳангоми нигоҳдорӣ, харидан, бегона кардани дороиҳои рақамӣ, анҷом додани амалиёти дигар бо онҳо.

85. Дар сурати муфлисшавии субъекти Парк масъулияти субсидиарӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои чунин шахси ҳуқуқӣ наметавонад ба соҳиби молу мулки он, муассисон (иштирокчиён) ё шахсони дигар вогузор карда шавад, ба истиснои ҳолатҳои агар муфлисшавӣ бо амали чунин шахсон, ки боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо гардидааст, ба миён омада бошад.

86. Субъектҳои Парк ҳуқуқ доранд, ки шартномаи қарзи мубодилашавандаро бо муассисон (иштирокдорон, саҳмдорон, сармоягузорон)-и худ ба имзо расонанд, ки тибқи он ҳангоми ба миён омадани муҳлати иҷрои ӯҳдадориҳои қарзгиранда – субъекти Парк, ҷиҳати иҷрои ӯҳдадорӣ ҳисса дар сармояи оинномавии субъекти Парк пешниҳод карда мешавад. Ба ҳисса дар сармояи оинномавии субъекти Парк, ки дар асоси шартномаи қарзи мубодилшаванда ба даст оварда шудааст, талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи афзалиятноки харид ва фурӯши ҳатмии он ба дигар иштирокдорон (саҳмдорон) ва иҷозат надодан ба иштирокдори ҷамъият бо роҳи ба ҳисоб гирифтани талаботи ӯ ба ҷамъият ташаккул додани сармояи оинномавии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, татбиқ намешаванд.

87. Муассисон (иштирокдорон, саҳмдорон)-и субъектҳои Парк ҳуқуқи бастани шартномаи корпоративӣ (саҳомӣ)-ро доранд, ки тибқи он ҳуқуқҳои худро оид ба идора намудани субъекти Парк муайян намуда, дар ин шартнома чун ҳуқуқи татбиқшаванда ҳуқуқи давлатҳои дигарро интихоб менамоянд.

88. Дар Парк бастан ва иҷро кардани амалиётҳо тавассути смарт шартномаҳо иҷозат дода мешавад. Шахсе, ки бо истифода аз смарт шартнома аҳд баста аст, ҳамчун огоҳбуда аз шартҳои он, аз ҷумла шартҳои дар коди барнома ифодаёфта маҳсуб меёбад, то он даме, ки акси ҳол исбот нашуда бошад.

89. Субъектҳои Парк ҳуқуқи бастани ҳама намуди шартномаҳо ва содир намудани ҳама гуна аҳдҳоро вобаста ба дороиҳои рақамӣ ва бо дарназардошти муқаррароти Низомномаи мазкур доранд.

90. Субъектҳои Парк ҳуқуқ доранд, ки бо субъектони хориҷӣ шартномаҳои гуногунро вобаста ба дороиҳои рақамӣ ба расмият дароранд.

91. Субъектҳои Парк, ки худ шахси ҳуқуқӣ бо як муассис (иштирокдор) мебошад, ҳуқуқ дорад шахси дигари ҳуқуқиро мустақилона ва ё бо ҳамроҳии муассис (иштирокдор)-и дигар таъсис диҳад.

92. Субъектҳои Парк метавонанд бо субъектҳои Парк ва субъектҳои дигари ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории маданӣ шартномаи қарз (заем) банданд.

93. Ба шартномаҳо (аҳдҳо) бо иштироки субъектҳои Парк, талаботи қонунгузории маданӣ ва қонунгузории дигар оид ба шакли шартномаҳо (аҳдҳо), ба истиснои талаботи шакли шартнома нисбат ба молу мулки ғайриманқул татбиқ намегардад, агар тарафҳо ба созиши дигар наоянд.

94. Фаъолияти субъектҳои Парк вобаста ба дороиҳои рақамӣ, новобаста ба шакли онҳо, ба сифати фаъолияте, ки барои амалӣ намудани он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат гирифта шавад, эътироф карда намешавад.

95. Субъектҳои Парк инчунин ҳуқуқ доранд, ки:

- асъор ва арзишҳои асъориро озодона ихтиёрдорӣ намоянд, агар тартиби дигаре тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи муқаррароти банди 97 Низомномаи мазкур қабул нашуда бошад;
- суратҳисобҳоро бо намудҳои гуногуни асъор дар бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа кушоянд;
- асъор ва арзишҳои асъориро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона интиқол диҳанд;
- амалиётҳоро бо ҳаракати сармоя ва огоҳонидани Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати се моҳ аз лаҳзаи амалӣ намудани амалиёт ба амал бароранд.

96. Дар баробари кафолатҳои дигар ба субъектҳои Парк кафолати ҳуқуқи моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ дода мешаванд, ки он дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- озодона соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани он объектҳое, ки нисбати онҳо субъектҳои Парк ҳуқуқи моликиятро доро мебошанд;
- дар асоси қонун ва розигии субъекти Парк бо ҷуброни пурраи арзиши бозории молу мулк гирифта шудани он барои эҳтиёҷоти давлатӣ;
- ҷуброни пурраи товони зарари ба моликияти субъекти Парк расонидашуда;
- дахолат накардан ба фаъолияти соҳибкории субъекти Парк;
- озодона амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла озодона муқаррар намудани шакл ва самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур;
- мустақилона ихтиёрдорӣ намудани фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ бадастомада.

97. Ҳангоми зарурат бо тартиби муқарраргардида мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо мақоми давлатии дахлдор санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаро оид ба муносибатҳое, ки аз фаъолияти инноватсионнию технологӣ дар Парк ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ тибқи Низомномаи мазкур бармеоянд, қабул менамояд.

## 12. АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ПАРК

98. Фаъолияти субъектҳои Парк аз рӯйи низоми содакардашудаи андозбандӣ барои фаъолияти инноватсионию технологӣ ва воридоти таҷҳизот аз ҷониби субъектҳои Парк, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худии чунин субъектҳо истифода карда мешавад, тибқи қонунгузории андоз ва гумрук аз андозбандӣ озод мебошад.

## 13. ИНФРАСОХТОРИ ПАРК

99. Субъектҳои Парк ҳуқуқ надоранд, ки қисми бино ва утоқро, ки барои фаъолияти худ аз Парк ба иҷора мегиранд, ба зериҷора ба субъектони дигар, ба истиснои субъектҳои Парк, пешниҳод намоянд. Шартномаҳое, ки хилофи муқаррароти мазкур баста мешаванд, беэътибор мебошанд.

100. Дар Парк қоидаҳои дахлдор оид ба тартиби воридшавӣ ва баромад ба/аз ҳудуди Парк, тартиби истифодаи объектҳои инфрасохтори Парк, тартиби истифодаи молу мулки манқул ва молу мулки ғайриманқул, инчунин қоидаҳои дигари зарурӣ муқаррар карда мешаванд, ки иҷрояшон барои тамоми субъектҳои Парк ҳатмӣ мебошанд.

## 14. АРБИТРАЖИ ПАРК

101. Дар Парк метавонад арбитраж таъсис дода шавад, ки баҳсҳоро бо иштироки субъектҳои Парк баррасӣ менамояд.

102. Арбитраж фаъолияти худро дар асоси тартиби аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқшуда амалӣ менамояд.

## 15. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

103. Ба Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраргардида метавонад тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

104. Ворид намудани тағйиру иловаҳо дар асоси пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «31» июли соли 2024, №440

Номгӯйи фаъолияти инноватсионию технологӣ

1. Фаъолияти илмию технологӣ, таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ.
2. Фаъолияти илмию техникӣ ва технологияҳои инноватсионӣ.
3. Таҳия, истеҳсол ё ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ барои таҳқиқотҳои сейсмикӣ ва сейсмологӣ.
4. Таҳия, истеҳсол ё ҷорӣ намудани технологияҳои кайҳонӣ.
5. Таҳия, истеҳсол ё ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар соҳаи электроника.
6. Таҳия, истеҳсол ё ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар соҳаи робототехника.
7. Таҳия, истеҳсол ё ҷорӣ намудани нанотехнологияҳо.
8. Таҳия, истеҳсол ё ҷорӣ намудани технология (таҷҳизот) барои омӯзиши селюлозаи растаниҳо.
9. Тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, коркарди таҷрибавӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ (иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ вобаста ба фаъолияти Парк) ва истифодаи натиҷаҳои чунин тадқиқот ва корҳои лоиҳавӣ.
10. Таҳия ва татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳӣ (экотуризм, геотуризм).
11. Таҳия ва татбиқи усулҳои инноватсионии коркарди технологияҳои рақамӣ.
12. Таҳлил, лоиҳакашӣ ва таъминоти барномавии низоми иттилоотӣ, аз ҷумла, лоиҳакашӣ, таҳия ва татбиқ (аз ҷумла додани ҳуқуқи истифодаи таъминоти барномавӣ, додан (интиқоли)-и ҳуқуқи истисноӣ ба таъминоти барномавӣ)-и низомоти иттилоотӣ, таъминоти барномавӣ барои бозиҳои компютерӣ ва барои ҳама гуна барномаҳои заминавӣ.
13. Фаъолият дар самти татбиқ, дастгирӣ, нигоҳдорӣ, истифодаи низомоти иттилоотӣ, таъминоти барномавӣ ё низомоти иттилоотӣ, таъминоти барномавии шахсони сеюм, ки бо иштироки субъектҳои паркҳои технологӣ истеҳсол карда мешаванд, татбиқи усулҳои инноватсионӣ барои таҳияи барномаҳои таълимӣ (омӯзишӣ) бо истифода аз низомоти иттилоотӣ ё таъминоти барномавӣ.
14. Ҷорӣ намудани объектҳои дахлдори моликияти зеҳнӣ барои инноватсия (навоварӣ) дар соҳаи саноат ва технологияи муосир.
15. Ташкили шабакаҳои нейронӣ ва алгоритмҳои дигар дар бахшҳои махсуси зеҳни сунъӣ ва амал баровардани натиҷаҳои ин фаъолият.
16. Таҳия ё марҳилаҳои алоҳидаи таҳия (тадқиқот, лоиҳакашӣ, озмоиши техникӣ)-и маводду технологияҳо, дастгоҳҳо ва системаҳои микро-, опто- ва наноэлектроника, микроэлектромеханика ва татбиқи натиҷаҳои чунин корҳо, инчунин татбиқи он корҳое, ки худи субъекти Парк дар мавод, технология, дастгоҳҳо ва низоми микро-, опто- ва наноэлектроника, микроэлектромеханика ва таъминоти барномавии дахлдори сохташаванда мувофиқ таҳия кардааст.
17. Таҳия ё марҳилаҳои алоҳидаи коркард (тадқиқот, лоиҳакашӣ (сохти таркибӣ), озмоиши техникӣ)-и технологияҳо, дастгоҳҳо ва низомоти мехатроника, системаҳои воридшуда, воситаҳои барномавию дастгоҳӣ, комплексҳои барномавию дастгоҳӣ, унсурҳо ва воситаҳои техникаи ҳисоббарорӣ ва ҷоринамоии натиҷаҳои чунин коркардҳо бо анҷом додани хизматрасонӣ доир ба коркарди онҳо дар истеҳсолот ё бидуни анҷом додани ин хизматрасониҳо.
18. Таҳия ё марҳилаҳои алоҳидаи таҳия (тадқиқот, лоиҳакашӣ (сохти таркибӣ), намунасозӣ, озмоиш, озмоиши техникӣ), истеҳсоли маводди илмомӯзӣ, технологияҳо, дастгоҳҳо ва низомоти баландтехнологӣ, системаҳои воридшуда, воситаҳои барномавию дастгоҳӣ, маҷмуи барномавию дастгоҳӣ ва таъминоти барномавии бо онҳо мувофиқ, инчунин фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ва (ё) натиҷаҳои коркард бо пешниҳоди хизматрасонӣ ҷиҳати азхудкунии онҳо дар истеҳсолот ва (ё) хизматрасониҳои вобаста ба истифодаи онҳо ё бидуни пешниҳоди ин хизматрасониҳо.
19. Фаъолият оид ба лоиҳакашӣ, таҳия ва роҳандозии низомҳои таъминоти барномавӣ ва (ё) воситаҳои таъминоти барномавӣ-техникӣ дар асос ва (ё) истифодаи технологияи ҳисоббарории абрӣ (облачное вычисление), аз ҷумла барои нигоҳдории маълумот, таъсис додани махзани маълумот ва ҷойгиркунии таъминоти барномавӣ дар серверҳои абрӣ.
20. Фаъолият вобаста ба барномасозӣ, аз ҷумла лоиҳакашӣ, таҳия, татбиқи воситаҳои таъминоти барномавӣ ва (ё) воситаҳои таъминоти барномавӣ-техникӣ дар асос ё истифодаи технологияҳои блокчейн.
21. Фаъолият оид ба пешниҳоди хизматрасониҳо вобаста ба таҳия ва ҷойгиркунии дороиҳои рақамӣ бо истифода аз феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) ва технологияи дигари ҳаммонанд, аз ҷумла хизматрасониҳо оид ба пешбурди дороиҳои рақамӣ, машваратӣ ва хизматрасониҳои дигари марбута, фаъолият оид ба провайдерони хизматрасонии муомилоти дороиҳои рақамӣ, фаъолияти дигар вобаста ба дороиҳои рақамӣ, аз ҷумла дорои аломатҳои фаъолияти касбӣ ва биржавӣ оид ба коғазҳои қиматнок, фаъолияти фонди сармоягузорӣ бо дарназардошти муқаррароти Низомномаи Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ.
22. Таҳия, нигоҳдорӣ, истифода ва татбиқи системаҳои идоракунии дастгоҳҳои бесарнишин.

Приложение 1
к постановлению Правительства Республики Таджикистан
от «31» июля 2024 года, №440

Положение
о Технологическом парке программных продуктов и информационных технологий

# 1. ОСНОВНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Положение о Технологическом парке программных продуктов и информационных технологий (далее – Положение) разработано на основе положений законодательства Республики Таджикистан, в том числе Гражданского кодекса Республики Таджикистан, Закона Республики Таджикистан «О Технологическом парке» и других нормативных правовых актов Республики Таджикистан.

2. Настоящее Положение устанавливает следующие характерные особенности деятельности субъектов Технологического парка программных продуктов и информационных технологий (далее – Парк):

- правовой статус Парка;
- виды деятельности Парка;
- порядок сотрудничества Парка с субъектами Парка;
- порядок получения статуса субъекта Парка;
- отношения субъектов Парка между собой и к другим участникам сферы науки и инновационных технологий, в том числе с индивидуальными предпринимателями, юридическими лицами и государственными органами;
- осуществление деятельности субъектами Парка;
- перечень гарантий и исключений, применимых к субъектам Парка;
- порядок применения гарантий, предоставляемых субъектам Парка;
- другие вопросы, необходимые для достижения целей создания Парка и привлечения субъектов.

